Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович ба диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқ аст: 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.7. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо, 1.10. Назария ва методологияи буҷасозӣ, 1.13. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи бахшҳо, бизнес – ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ, 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо).

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва густариши рақобат дар бозори озуқаворӣ масъулияти субъектҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзиро дар қабули қарорҳои идоракунии муносиб барои идоракунии фаъолияти истеҳсолии худ баланд кардааст. Қарорҳои идоракунӣ бояд ба рушди муттасил ва ноилгардӣ ба ҳадафҳои дарозмуддати иқтисодии

корхонаҳои кишоварзӣ – зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот, паст кардани арзиши аслии он ва дар ин асос баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва таҳкими мавқеи корхона дар бозор мусоидат кунанд.

Албатта, барои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунии самарабахш дар низоми идоракунии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ мавҷуд будани таъминоти иттилоотии муносиб зарур аст, ки имрӯз асоси онро низоми ба таври муносиб ва оқилона роҳандозишудаи баҳисобгирии идоракунӣ ташкил медиҳад. Баҳисобгирии идоракунӣ талаботи менеҷменти корхонаҳои соҳаи кишоварзии муосирро бо истифодаи усулҳои гуногуни банақшагирӣ, назорат, таҳлил, буҷетикунонӣ ва контроллинг, инчунин тарзҳои пешрафтаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва идоракунии хароҷот, ки унсурҳои хоси он мебошанд, қонеъ мегардонад.

Мусаллам аст, ки муайян кардани тариқаҳои алтернативии қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ҳаҷмҳои калони иттилооти иқтисодӣ, молиявӣ ва ғайримолиявиро талаб мекунад. Вале низоми имрӯз дар корхонаҳои кишоварзӣ мавҷудбудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки асосан ба қонеъ намудани талаботи на соҳибмулкон, балки мақомоти давлатии назоратӣ, аз ҷумла мақомоти андоз нигаронида шудааст, ба талаботи иттилоотии низоми идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ҷиҳати таъмини самаранокии истеҳсолот мутобиқ нест. Роҳбарият ва менеҷменти корхонаҳои кишоварзӣ ба ташкил ва роҳандозии низоми самарабахши баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули иттилооти воқеъбинона дар бораи арзиши аслии маҳсулот диққати ҷиддӣ намедиҳанд. Бинобар ин, имрӯз дар корхонаҳои соҳаи кишоварзии мамлакат таъсиси низоми муассири баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, ки тавонад талаботи иттилооти менеҷментро қонеъ гардонад, зарур аст.

Мушкилоти муосири идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ танҳо бо татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ ва истифодаи усулҳои гуногуни банақшагирӣ, назорат ва таҳлил дар низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ҳалли худро ёфта метавонанд. Вобаста ба ин, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда, ки ба масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ бахшида шудааст, мубрам мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Аз муҳтавои дисертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ дар таҳия ва омода намудани навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба

муваффақияти назаррас ноил гардидааст. **Навгонии илмии таҳқиқот** дар кор карда баромадан ва асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва методии такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҳияи равишҳои методӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба рушди методикаи ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ки муваффақияти илмии унвонҷӯро ифода менамоянд ва ҳамчун **нуктаҳои асосӣ** барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд:

1. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ вобаста ба шароити иқтисоди бозории тағйирёбанда таҳқиқ карда шуда, таърифи муаллифии баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод шудааст;
2. Аз рӯйи аломатҳои гуногун хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади идоракунӣ ва таъминоти иттилоотии қабули қарорҳо гурӯҳбандӣ карда шуданд;
3. Методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ коркард ва тавсияҳои амалӣ вобаста ба самтҳои мукаммалагардонии онҳо пешниҳод карда шудааст;
4. Методикаи баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ карда шуда, равишҳои методии соқиткунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ ба арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ коркард шудааст;
5. Ҷанбаҳои методии таъминоти иттилоотии идоракунии хароҷот асоснок карда шуда, самтҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва натиҷаҳои истеҳсолии он дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шуданд;
6. Методикаи ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият таҳия карда шудааст, ки барои пешбурди баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи сегментҳои алоҳидаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва баҳодиҳии воқеъбинонаи фаъолияти онҳо имконият медиҳад;
7. Тавсияҳо оид ба рушди методикаи буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шуда, дастурҳои амалӣ оид ба алгоритми татбиқи он дар корхонаҳои номбаршуда коркард шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Омӯзиши муҳтавои диссертатсия ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи хулосаҳо ва тавсияҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда нишон медиҳанд, ки онҳо дар асоси манбаъҳои боэътимоди назариявӣ ва амалӣ омода карда шудаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот доир ба мавзуи

диссертатсия тасдиқ мегардад. Ҳамин тариқ, хулосаҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳияшуда, инчунин тавсияҳои амалии барои рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳодшуда бо далелҳои зарурӣ асоснок карда шудаанд. Хулосаҳо фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот** дар таҳияи муқаррарот ва равишҳои нави назариявӣ оид ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва такмили ҷанбаҳои назариявии методикаҳои ҳисобкунӣ ва идоракунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ зоҳир мегардад. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда ба такмили ҷанбаҳои назариявию методологии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккули арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда, самаранокии татбиқи усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро баланд мебардоранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки асосҳои илмӣ, методологӣ ва амалии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ, ки натиҷаи таҳқиқот мебошанд, барои татбиқ дар корхонаҳои кишоварзӣ қобили истифода мебошанд. **Дар мавриди аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии** натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он дар истеҳсолот бояд қайд кард, ки хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти зироат ва чорводорӣ машғуланд, истифода шуда метавонанд. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълими фанҳои баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Унвонҷӯ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст.

**Дар боби якум** – «Асосҳои консептуалии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ» моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуда, масъалаҳои ташаккули консепсияи умумии ташкили он омӯхта мешаванд, мавқеи баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми иттилоотии корхонаҳои кишоварзӣ аниқ карда, таснифи хароҷот барои мақсадҳои банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҷо оварда мешавад.

Муаллиф бо омӯзиши назария ва амалияи баҳисобгирии идоракунӣ дар корҳои илмии қаблӣ тавсиф ва таъиноти низоми баҳисобгирии идоракуниро муайян намуда, шарҳи муаллифии хешро оид ба ин масъала пешниҳод намудааст. Бо назардошти истифодаи нисбатан самараноки захираҳо барои ташкили муносиби баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, муаллиф намунаи таснифи хароҷотро аз рӯйи аломатҳои дахлдор пешниҳод кардааст.

**Дар боби дуюм** «Ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ» ба таҳлили раванди ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти меҳнатӣ ва моддӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудааст, масъалаҳои методии баҳисобгирии идоракунии хароҷоти меҳнатӣ ва моддӣ таҳқиқ ва таҳлил карда шудаанд, ҳолати баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истифодабарии воситаҳои асосӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ баҳодиҳӣ ва тамоюлоти рушди он муайян карда шудааст.

Тавре муаллиф қайд мекунад, яке аз масъалаҳои асосии баҳисобгирии музди меҳнат ва хароҷоти меҳнат таснифи хароҷоти меҳнат ва инъикоси онҳо аз рӯйи объектҳои асосӣ тавассути истифодабарии ҳисобҳои муҳосибӣ мебошад. Вобаста ба ин, ӯ ҷанбаҳои зиёди бо баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот алоқамандро тавассути таҳияи амсилаҳо ва методикаҳои баҳисобгирӣ баррасӣ намудааст. Амсилаҳо ва методикаҳои таҳияшуда аҳаммияти илмию амалӣ доранд ва метавонанд дар низомҳои баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ татбиқ карда шаванд.

**Дар боби сеюм** «Рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ», масъалаҳои рушди методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва такмили таъминоти иттилоотии он ҳамчун асос барои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ мешаванд, мушкилоти рушди баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи марказҳои масъулият, татбиқи буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудаанд.

Хусусияти фарққунандаи муҳтавои боби мазкури диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки тамоми масъалаҳои баррасишуда (оид ба таъминоти иттилоотии баҳисобгирии идоракунии хароҷот, такмили методикаи баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯи марказҳои масъулият, буҷетикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ) бо истифодаи маълумоти воқеӣ аз корхонаи кишоварзии

мушаххас – ҶДММ «Латиф Муродов»-и шаҳри Ҳисор такя мекунанд, ки ин арзиши амалии таҳқиқотро баланд менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия**
**дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Ҷиҳатҳои асосии диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ бо мақолаҳои илмӣ ифшо гардида, дар маҷаллаҳои илмӣ ва маҷмуаи маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расида, мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Дар доираи мавзуи диссертатсия 1 монография (10 ҷ.ч), 17 мақола (дар ҳаҷми 8,7. ҷ.ч.), аз инҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи илмии таҳқиқот, маълумот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва илмии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

**Эродҳо ва тавсияҳо**

Дар баробари бартариҳо диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки ба чанде аз онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард.

1. Дар параграфи 1.1 бештар таҳқиқ ва арзёбии асарҳои муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирӣ вобаста ба мафҳумҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба назар мерасад. Баъзан ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ақидаи муаллиф оид ба ин ё он ҷиҳати баҳисобгирии идоракунӣ оварда шудааст, вале муаллиф дар бораи он фикри худро пурра изҳор

накардааст, аз ҷумла, ақидаи муаллиф К.Н. Нарибоев оид ба ҳифзи сирри тиҷоратӣ (саҳ.24).

2. Муаллиф ҳангоми ороиши расмҳо баъзан тасвирҳои рангаро истифода бурдааст, вале дар нусхаи чопии диссертатсия, ки ба муқарриз дастрас буд, тасвирҳои ранга шакли сиёҳу сафедро гирифтаанд (масалан, расми 2.1.1 дар саҳ. 73, расми 2.2.2 дар саҳ. 85 диссертатсия).

3. Ҳангоми таҳияи баъзе ҷадвалҳои диссертатсия талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3) ба инобат гирифта нашудааст. Тибқи муқаррарот ҳангоми кӯчонидани қисмати ҷадвал ба саҳифаи дигар дар болои қисмати якум як маротиба сарлавҳа нишон дода шуда, аз тарафи чап дар болои қисмати боқимондаи ҷадвал калимаи «Идома» навишта мешавад. Ин ҳолат дар ҷадвалҳои 2.2.2, 2.3.1, 2.3.2 ва ғайра ба назар мерасад.

4. Муаллиф ҳангоми нишон додани маълумоти ададӣ ва таҳлилӣ, ки аз корхонаҳо ба даст овардааст, дар ҷадвалҳо ва таҳлили онҳо баъзан катакҳои дахлдори ҷадвалҳоро холӣ мондааст (ё аломати “тире” мондааст). Хуб мебуд агар, муаллиф сабаби инро дар поёни ҷадвали дахлдор нишон медод. Ҳамин гуна ҳолат, аз ҷумла дар ҷадвали 3.1.2 (саҳ. 123) дар сутунҳои мансуб ба хароҷоти истеҳлок ба назар мерасад.

5. Хуб мебуд, агар муаллиф барои нишон додани манбаъҳои адабиёт (иқтибосҳо) тарзи қавсайнро (қавси мураббаъ) истифода мебурд. Аз сабаби нишон додани иқтибосҳо дар поёни саҳифа ва бо таъсири хусусиятҳои таҳриргари матнии ворд масоҳати баъзе саҳифаҳо, ки дар онҳо иқтибосҳо нишон дода шудаанд, ғайрисамаранок истифода шуда, ҷойҳои холӣ дар ин саҳифаҳо калон мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ҳолатҳои зикргардида хосияти тавсиявӣ доранд ва ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**

Диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти илмии баитмомрасида мебошад.

Автореферати диссертатсия мақсад ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро пурра инъикос намуда, мутобиқ ба талаботи мавҷудбуда таҳия карда шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори фалсафа (PhD) – доктор**
**аз рӯйи ихтисоси 6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ**
**ва аудит, и.в. дотсенти кафедраи**
**баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Бобоев Ш.Н.**

**Имзои Бобоев Ш.Н.** -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
Сомонаи расмӣ: www.tguk.tj, **Email:** bobosh-85@mail.ru
**Телефон:** (+992) 93 444-46-28.